«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:
Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент
Сафарзода Д.Т. ________________
«_03_» __________ соли 2026

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар – Муассисаи давлатии «Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба диссертатсияи номзадии Нуров Сухроб Рустамович дар мавзуи «Инъикоси таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори профессор О.Б. Боқиев» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.** Диссертатсияи Нуров Сухроб Рустамович дар мавзуи «Инъикоси таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори профессор О.Б. Боқиев» ба банди 5-уми бахши «Соҳаҳои таҳқиқот»-и шиносномаи ихтисоси ихтисоси 6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мувофиқат мекунад. Дар рисола муҳаққиқ масъалаҳои хеле муҳимми таърихи халқи тоҷикро, ки омӯзиши он барои имрӯз зарурат дорад, мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

Муҳаққиқ доираи васеи адабиёти ватанӣ ва хориҷӣ, аз ҷумла таҳқиқоти илмии профессор О.Б. Боқиевро хеле хуб истифода намудааст. Равишҳои махсуси таҳқиқотӣ ба диссертант имконият додааст, ки масъалаи мавриди омӯзишро дар асоси далелҳои боэътимоди илмӣ таҳлил намояд.

Дар таҳқиқоти мазкур усулҳои умумиилмии таърихӣ ва объективияти илмӣ, равишҳои махсуси илмӣ-таърихӣ ва биографӣ, проблемавӣ-хронологӣ, муқоисавию таърихӣ, таърихӣ-типологӣ, ретроспективӣ, тавсифӣ, таҳлили таърихнигориро истифода шудааст.

Сатҳи таҳқиқ ва самти илмии кори анҷомшударо ба назар гирифта, метавон гуфт, ки диссертатсияи мазкур ба талаботи шиносномаи ихтисоси 6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ пурра ҷавобгӯ мебошад ва барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих мувофиқ дониста мешавад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Муҳиммияти таҳқиқоти мазкур дар он ифода меёбад, ки бори нахуст бар мабнои далоили боэътимод аз асноду маъхазҳо дар таърихнигории тоҷик мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Муҳаққиқ бозтоби таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори профессор О.Б. Боқиевро воқеъбинона арзёбӣ намуда, иброз доштааст, ки имрӯз аз осори илмӣ ва консепсияи

пешниҳоднамудаи ӯ оид ба масъалаҳои таърихи сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ муаррихон васеъ истифода мебаранд.

Масъалаҳои мубраме, ба монанди авзои сиёсӣ ва сохтори ҳудудию маъмурии манотиқи муосири Тоҷикистон, вазъи хоҷагии деҳот, саноат, ҳунармандӣ ва муносибатҳои тиҷоратӣ, раванди забти ҳудудҳои Тоҷикистони Шимолӣ ва масъалаи ҳамроҳшавӣ ва забти ҳудудҳои Помир аз тарафи Русияи подшоҳӣ аҳамияти бештари илмӣ ва амалиро касб намудаанд. Бояд гуфт, О.Б. Боқиев аз ҷумлаи он муаррихон ва ходимони барҷастаи илмие буд, ки дар асри XX расолати таърихии хешро ҳамчун муаррих дарк намуда, тамоми нерӯи ақлонии худро барои омӯзиши таърихнигории сохтори иҷтимоӣ-иқтисодии Тоҷикистон дар нимаи дуюми асри XIX дар адабиёти тоинқилоби рус ва таърихӣ, таърихи тоҷикон ва Тоҷикистон дар осори муҳаққиқони тоинқилобии рус, масъалаи мардикорӣ дар Тоҷикистони тоинқилобӣ, рақобати Русияи подшоҳӣ ва Британияи Кабир оид ба ҳамроҳ намудани Помир ва дигар масъалаҳо равона кардааст.

Муаллиф ба мавриди таъкид менамояд, ки мавқеи ҷуғрофӣ ва стратегии Осиёи Марказӣ имрӯз низ аз назари бозигарони геополитикӣ дар канор намондааст. Ин ҳамон бозии бузургест, ки байни Русияи подшоҳӣ ва Англия дар асри XIX ва ибтидои XX ҷараён дошт ва дар осори илмии О.Б. Боқиев бозтоби воқеъбинона ёфтаанд. Дар маҷмуъ, муҳаққиқ мубрамии мавзуи худро дар ҳафт зербанд муфассал арзёбӣ намудааст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Ҳадафи асосии рисола таҳқиқи масъалаҳои мубрами таърихи минтақаҳои Тоҷикистони муосир дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар асоси осори илмии профессор О.Б. Боқиев ба шумор меравад. Барои ноил гардидан ба ин мақсад, вазифаҳои зерин гузошта шудаанд: мушаххас намудани марҳалаҳои ҳаёт ва фаъолияти илмии профессор О.Б. Боқиев ва таҳлили дидгоҳи назариявию методологии ӯ доир ба омӯзиши таърихи ҳудудҳои Тоҷикистон (нимаи дуюми асри XIX – аввали асри XX) ва инъикоси он дар таърихнигории тоинқилобии рус; нишон додани вазъи сиёсӣ ва сохтори идориву маъмурии манотиқи Тоҷикистони муосир дар нимаи дуюми асри XIX – аввали асри XX дар асоси осори илмии профессор О.Б. Боқиев; бозтоби саҳми О.Б. Боқиев дар омӯзиши масоили вазъи иҷтимоӣ иқтисодии халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX; омӯзиш ва таҳқиқи масоили мубрами таърихи халқи тоҷик дар таърихнигории тоинқилобии рус дар осори О.Б. Боқиев; бозтоби раванди истило гардидани ҳудудҳои Тоҷикистони Шимолӣ муосир аз тарафи Русияи подшоҳӣ ва сабабу паёмадҳои он дар таҳқиқоти илмии профессор О. Б.Боқиев; инъикоси масъалаи ҳамроҳшавӣ ва забти ҳудудҳои Помир аз тарафи Русияи подшоҳӣ дар таҳқиқоти профессор О.Б. Боқиев ва паёмадҳои он барои минтақа.

Бо дарназардошти ин бояд гуфт, ки мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ ба муҳтавои кори илмӣ мувофиқ буда, бо натиҷаҳои бадастомада дар тамоми қисмҳои диссертатсия иртиботи мустақим доранд.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Пажӯҳиши илмии Нуров Суҳроб

Рустамович аз рӯйи мухтаво, сохтор ва натиҷаҳои бадастомада дорои саҳми назарраси илмӣ мебошад. Муаллиф масъалаеро мавриди таҳқиқ қарор додааст, ки дар илми таърихнигории ватанӣ то ҳол ба таври мукаммал ва низомнок таҳқиқ нагардида буд. Дар ҷараёни таҳқиқот муаллиф тавонистааст заминаҳои назариявӣ ва методологии инъикоси таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори профессор О.Б. Боқиевро бозтоби илмӣ намояд. Масъалагузориҳои мушаххаси илмӣ, таъйиди мубрамияти мавзуъ, масоили мавриди таҳқиқ, навгониҳо ва сарчашмаҳои пажуҳиш, таърихнигории масъала, аҳаммияти назарию амалии он, ҳамчунин, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулосаю натиҷагириҳо аз таҳқиқот, дар маҷмуъ, саҳми шахсии муҳаққикро нишон медиҳанд. Дар ин радиф, омӯзиши диду назарҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ дар робита ба мавзуи таҳқиқшаванда, таҳлилу таҷзия, баҳсҳо ва пешниҳоди дидгоҳҳои дигар, нашри мақолаҳои илмӣ дар робита ба мавзуи диссертатсияро ҳам метавон саҳми шахсии диссертант маҳсуб донист.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Навгонии илмии диссертатсия, пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки он нахустин таҳқиқоти мукаммал роҷеъ ба саҳми О.Б. Боқиев дар омӯзиши таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистони муосир мебошад. Муаллиф дар асоси осори илмии профессор О.Б. Боқиев ва муқоисаи он ба осори дигар муҳаққиқон таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистонро мавриди таҳлилу омӯзиш қарор додааст. Навгониҳои илмии рисола бо нуктаҳои зерин муайян карда шудаанд: рӯзгор ва фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии профессор О.Б. Боқиев омӯхта шуда, омилҳо ва шароитҳои ташаккули шахсият, дидгоҳ, мавқеи илмӣ ва осори профессор О.Б. Боқиев мушаххас шудааст; ҳамчунин мақолаҳо, ёддоштҳо ва маводди зиёди бойгонӣ ҷамъоварӣ ва нахустин маротиба ба гардиши илмӣ ворид карда шуд, ки дар асоси онҳо мавзуъ ва масъалаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ ва дидгоҳҳои назариявӣ-методологии профессор О.Б. Боқиев мавриди таҳқиқ қарор гирифтанд; нақши професссор О.Б. Боқиев дар омӯзиши масоили муҳимми таърихи ҳудудҳои Тоҷикистон (охири асри XIX - оғози асри XX) ва инъикоси онҳо дар таърихнигории тоинқилобии рус арзёбӣ гардида, самтҳои асосии таҳқиқоти таърихиву таърихнигорӣ ва арзиши осори илмии ӯ оид ба давраи мазкур дақиқи шудааст; саҳми профессор О.Б. Боқиев дар омӯзиш ва пажӯҳиши вазъи сиёсӣ, сохтори маъмурӣ ва идории ҳудудҳои Тоҷикистони муосир дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX инъикос гардидааст; авомил, раванд ва хусусиятҳои истилои ҳудудҳои Тоҷикистони муосир аз тарафи Русияи подшоҳӣ, ҳамчунин, натиҷаҳо ва паёмадҳои мусбат ва манфии он дар осори профессор О.Б. Боқиев таҳқиқ гардиданд; нақши профессор О.Б. Боқиев дар омӯзиши масоили мубрами иҷтимоӣ- иқтисодии халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX муайян карда шудааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқ** дар он ифода меёбад, ки натоиҷи пажӯҳиши мазкурро метавон дар омӯзишу таҳлили марҳилаҳои мубрами таърихи халқи тоҷик махсусан, вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳудудҳои Тоҷикистон дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX ба таври васеъ истифода кард.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқ** дар он аст, ки натиҷаҳои онро метавон ҳангоми таҳияи маводди гуногуни илмӣ, таълимию методӣ ва хондани курсҳои махсус барои ихтисосҳои таърихи донишкадаву донишгоҳҳои олии кишвар мавриди истифода қарор дод.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ дар** мушаххас будани маълумот, истифодаи сарчашмаҳои расмӣ, кофӣ будани ҳаҷми маводди таҳқиқӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, гузарондани таҳқиқи эътимодноки диссертатсионӣ ифода меёбад. Хулоса ва тавсияҳои дақиқ дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назарӣ ироа шудааст.

**Саҳми шахсии диссертант** бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, ҳамчунин, тарзи баён, масъалагузорӣ ва равиши таълифи диссертатсия зоҳир мегардад. Марҳалаҳои таҳқиқот - интихоби мавзуъ, асосноккунӣ, аҳаммияти он, муайян намудани ҳадафи асосии таҳқиқ ва иҷрои вазифаҳои гузошташуда бо иштироки муаллифи рисола анҷом дода шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Рисола дар ҳаҷми 177 саҳифаи матни компютерӣ таҳия гардида, бо мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мутобиқ мебошад. Кори илмӣ аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати сарчашмаву адабиёти истифодашуда (165 номгӯй) иборат буда, тарҳи он пайдарҳамӣ ва мантиқи дохилии таҳқиқро таъмин менамояд.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқшаванда асоснок шуда, сатҳи омӯзиши он дар илми ватанӣ ва хориҷӣ баррасӣ гардидааст. Ҳамчунин, объект ва мавзуи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳо, асосҳои методологӣ ва назариявӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, инчунин саҳми шахсии муаллиф ва сохтори умумии кор шарҳ дода шудаанд

Боби якуми рисола – **«Инъикоси вазъи сиёсӣ ва сохтори маъмурии минтақаҳои муосири Тоҷикистон дар нимаи дуюми асри XIX ва оғози асри XX дар таҳқиқоти О.Б. Боқиев»** унвон гирифта, аз ду зербоб иборат аст. Дар зербоби якум – **«Таҳқиқи ҳаёт ва фаъолияти илмии профессор О.Б. Боқиев»** таҳлилу баррасӣ гардидааст. Аз ҷумла, муаллиф иброз медорад, ки профессор О.Б. Боқиев дар рушду инкишоф ва ташаккули илми таърихнигории тоҷик саҳми арзишманд гузоштааст. Ӯ дар радифи дигар муҳаққиқони варзидаи Тоҷикистон дар саргаҳи ташаккули илми таърихнигории ватанӣ қарор дошта, доир ба умдатарин масоили он, бахусус, инъикоси таъриху фарҳанги Осиёи Миёна, аз ҷумла, ҳудудҳои Тоҷикистони кунунӣ дар таърихнигории тоинқилобии рус асарҳои гаронарзиши илмӣ таълиф намудааст. Осори таълифкардаи профессор О.Б. Боқиев ба инъикоси таърихи Тоҷикистон дар адабиёти таърихии тоинқилобии рус бахшида шудаанд, ки таҳқиқоти бунёдӣ

доир ба ин мавзуъ ба шумор меравand. Профессор О.Б. Боқиев дар омода кардани кадрҳои баландихтисоси таърихнигории ватанӣ саҳми қобили мулоҳиза дорад.

Зербоби дуюм ба баррасии **«Вазъи сиёсӣ ва сохтори ҳудудию маъмурии манотиқи муосири Тоҷикистон дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX дар осори профессор О.Б. Боқиев»** бахшида шудааст. Дар ин зербахш муаллиф ба чунин хулоса омадааст, ки О.Б. Боқиев махсусияти сохтори ҳудудиву маъмурии ҳудудҳои Тоҷикистони муосирро дар даврai мазкур дар асоси маълумоти парокандаи асарҳо, очеркҳо ва мақолаҳои муаллифони тоинқилобии рус, ки асосан баъди тавсеаи забткориҳои Русия дар Осиёи Миёна ба нашр расидаанд, инъикос кардааст. Аз осори ӯ бармеояд, ки ҳудудҳои Тоҷикистони муосир дар арафаи забткориҳои Русия дар Осиёи Миёна воҳидҳои гуногуни маъмурию сиёсии мустақил ва ё ниммустақил дохил мегардид, ки пайваста бо ҳам дар ҳолати ҷангу низоъ қарор доштанд. Ин яке аз омилҳои асосие буд, ки барои ташаккул наёфтани маркази ягонаи муттаҳидкунандаи сиёсию маъмурӣ, фарҳангӣ ва иқтисодӣ дар ҳудудҳои Тоҷикистони муосир сабаб гардида буд.

Боби дуюми рисола – **«Таҳқиқи масоили мубрами ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори О.Б. Боқиев»** аз ду зербоб иборат аст. Зербоби аввал – **«Инъикоси вазъи хоҷагии деҳоти ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори О.Б.Боқиев»** номгузорӣ гардида, муаллиф ба баррасии вазъи хоҷагии деҳоти ҳудудҳои Тоҷикистон дар такя ба осори О.Б. Боқиев пардохтааст. Ба қавли муаллифи рисола, О.Б. Боқиев таъсири сиёсати мустамликавии ҳукумати подшоҳиро ба ҳаёти хоҷагии деҳоти Тоҷикистон, ки аксаран ба заминдорӣ шуғл доштанд, бо далелҳои амиқу дақиқ нишон додааст. Махсусан, тағйирот дар низоми заминдорӣ ва андозу хироҷ, ки бештар ба қисми шимолии Тоҷикистон баъд аз ҳамроҳ кардани он ба Русияи подшоҳӣ рост меомад, диққати муаррихро ҷалб намудааст.

Зербоби дуюм – **«Омӯзиши вазъи саноат, ҳунармандӣ ва муносибатҳои тиҷоратии манотиқи Тоҷикистон»** унвон гирифта, дар он муаллиф ба он назар аст, ки масъалаи саноат, ҳунармандӣ ва равобити тиҷоратӣ дар ҳудуди Тоҷикистон, дар адабиёти таърихии тоинқилобии рус ба таври хеле васеъ инъикос ёфтаст, ки дар осори профессор О.Б. Боқиев мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Дар асоси осори муҳаққиқони тоинқилобии рус профессор О.Б. Боқиев зикр намудааст, ки саноати ҳудуди Тоҷикистон дар охири асри XIX танҳо аз саноати коркард ва истихроҷ иборат буд. Муаррих забти манотиқи тоҷикнишинро аз ҷониби Русияи подшоҳӣ яке аз омилҳои таҳавуллот дар низоми иқтисодӣ бо назардошти пайдоиш ва рушди корхонаҳои саноатӣ номидааст. Муносибатҳои тиҷоратӣ ба қавли муаррих О.Б.Боқиев дар такя ба осори муаррихони тоинқилобии рус дар қаламрави тоҷикнишини кӯҳистон хеле суст рушд карда буданд.

Боби сеюми рисола – **«Бозтоби масъалаи забти ҳудудҳои Тоҷикистони шимолӣ ва Помир аз тарафи Русияи подшоҳӣ дар таҳқиқоти профессор**

**О.Б.Боқиев»** ном гирифта, аз ду зербоб иборат мебошад. Зербоби якуми боби сеюми диссертатсия **«Бозтоби раванди забти ҳудудҳои Тоҷикистони шимолӣ аз тарафи Русияи подшоҳӣ дар таҳқиқоти профессор О.Б. Боқиев»,** ба вижагиҳои хоси сиёсати истилогаронаи Русияи подшоҳӣ дар минтақа бахшида шудааст. Мавсуф аз миёни муҳаққиқони ватанӣ нахустин шуда, мавзуи фавқро дар асоси омӯзиши васеъ ва таҳлили амиқи маводди таърихнигории тоинқилобии рус инъикос намудааст. Сабабҳо, раванд, хусусиятҳо, моҳият, мақсад, дигаргуниҳо, натиҷаҳо ва паёмадҳои мусбат ва манфии забт ва ҳамроҳ гардидани ҳудудҳои Тоҷикистони муосир аз тарафи Русияи подшоҳӣ дар осори илмии профессор О.Б. Боқиев аз дидгоҳи танқидии илмӣ бозтоб шудаанд. О.Б. Боқиев дар асоси омӯзиши маводди таърихнигории тоинқилобии рус муайян кардааст, ки манотиқи имрӯзаи Тоҷикистони шимолӣ, ба истиснои шаҳраки Нов ва баъзе деҳкадаҳои болооби Зарафшон, бо роҳи фишорҳои ҳарбӣ аз тарафи қушунҳои Русияи подшоҳӣ забт гардиданд.

Зербоби дуюм ба масъалаи **«Инъикоси масъалаи ҳамроҳшавӣ ва забти ҳудудҳои Помир аз тарафи Русияи подшоҳӣ дар таҳқиқоти профессор О.Б. Боқиев»** бахшида шудааст. Дар ин қисм муаллиф дар такя ба осори О.Б. Боқиев ба чунин натиҷа расидааст, ки аз омӯзиш, таҳлил ва натиҷагирҳои О.Б. Боқиев бармеояд, ки Помири Шарқӣ (ҳудуди ҳозираи ноҳияи Мурғоб) ду маротиба дар шароитҳои гуногуни таърихӣ - бори нахустин бо роҳи ҳарбӣ соли 1876 дар рафти экспедитсияи ҳарбии Олой, ва маротибаи дуюм дар рафти юришҳои ҳарбии солҳои 1891-1892, бо роҳи осоишта ба Русия ҳамроҳ гардидааст. Пас аз ҳамроҳкунии нахустини расмӣ соли 1876 ва аз он ҷо рафтани дастаҳои ҳарбии Русияи подшоҳӣ қисми алоҳидаи Помир бо роҳи зурӣ аз тарафи афғонҳо ва хитоиҳо ишғол карда мешавад, ки байни онҳо барои ҳукмронии ягона шудан дар давоми 14 сол муборизаи доимӣ давом дошт.

Ҳамин тавр, бо вуҷуди ин, бояд зикр намуд, ки рисолаи диссертатсионӣ аз баъзе камбудию норасоиҳо холӣ нест:

1. Рақобати Русияи подшоҳӣ ва Британияи Кабир дар масъалаи Помир аз ҷониби муаллифи рисола танҳо дар заминаи осори О.Б. Боқиев ва дигар муҳаққиқони тоинқилобии рус, арзёбӣ гардидааст. Ба назари мо хуб мешуд, ки муаллиф осори ховаршиносони Ғарбиро низ вобаста ба ин масъала дида мебаромад.

2. Масъалаи тақсимоти ҳудуди Помир дар байни Русияи подшоҳӣ ва Британияи Кабир ва сарнавишти тоҷикони соҳили чапи дарёи Панҷ, аз ҷумла, Дарвоз, ки ба Афғонистон гузаштанд, дар таҳқиқоти О.Б. Боқиев то кадом сатҳ инъикос ёфтааст. Ин тақсимоте, ки дар бозии бузурги ин ду абарқудрат созмон ёфт, ба назари муаллифи рисола ба манфиати мардумони таҳҷоии ин минтақа буд.

3. Аксари зиёди осори илмии О.Б. Боқиев дар заминаи методологияи таърихнигории Шуравӣ ва анъанавӣ навишта шудаанд. Ба назари мо хуб мебуд, ки рисоланигор равишҳои нави антропологӣ, микро-таърих, хотираи таърихӣ ва ҳувиятиро, ки дар шароити муосир зарур мебошанд, дар таҳқиқоташ истифода менамуд.

4. Дар бахши тавсияҳо доир ба истифодаи амалии натиҷаҳо муаллиф таъкид намудааст, ки мафҳуми «ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Русияи подшоҳӣ» пурра ба мафҳуми «забти Осиёи Марказӣ аз ҷониби Русияи подшоҳӣ» табдил дода шавад. Дар сурате ки дар таҳқиқоти профессор О.Б.Боқиев ҳар ду мафҳум истифода шудаанд.

5. Дар рисолаи илмӣ баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасанд.

Бояд гуфт, ки камбудию норасоиҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд. Бартараф намудани онҳо метавонад сатҳи илмӣ ва таҳлилии таҳқиқотро боз ҳам такмил бахшад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Таҳқиқоти илмии Нуров Суҳроб Рустамович дар мавзуи «Инъикоси таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори профессор О.Б.Боқиев» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 6.1.5 –Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ ба талаботи 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023, №295) тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.5 –Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ комилан арзанда ҳисобида мешавад.

Дар баробари ин, ихтисоси муҳаққиқ ба самти таърихнигорӣ алоқаманд буда, комилан барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.5 –Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мутобиқат мекунад.

Ҳамин тавр, сохтор ва мазмуни асосии диссертатсияи мувофиқ ба талабот ва меъёрҳои муайяншудаи марбут ба диссертатсияҳои номзадии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шуда, ҷавобгӯи он мебошад. Мазмуни автореферат бо диссертатсия комилан мувофиқ аст.

Хулоса, диссертатсияи Нуров Суҳроб Рустамович ҳамчун кори илмии пурра ба анҷом расида ҳисобида мешавад. Таркиб ва сохтори он бо тавсия ва асосноккунӣ дар сатҳи баланд ва илмию назариявӣ таҳия гардида, барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих бо ихтисоси 6.1.5 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ ва ташхиси он дар шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботи муқаррарнамудаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» мувофиқ аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023, №295) тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи фалсафа ва фанҳои гуманитарии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Қодиров Довар Саидаллоевич омода гардида, дар ҷаласаи кафедраи мазкур рӯзи 3-юми июни соли 2026 муҳокима ва қабул карда шудааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 10 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор- 10 нафар, зид - «нест», бетараф - «нест». Суратҷаласаи №10 аз 03 июнии соли 2026.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои фалсафа, дотсент, мудири кафедраи фалсафа ва фанҳои гуманитарии.
факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Қодиров З. Қ.

**Ташхисгар:**
номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи фалсафа ва фанҳои гуманитарии
факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Қодиров Д.С.

**Котиби ҷаласа, вазифа, унвони илмӣ**
номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи фалсафа ва фанҳои гуманитарии
факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҷабов Т.Х.

**Имзоҳои З.Қ. Қодиров, Д.С. Қодиров ва Т.Х. Раҷабовро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Насурдинзода А.Н.

**«08» 06 соли 2026**

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. С. Носир, 33, МД «Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон». Тел. (корӣ): (+992 37) 224-17-86; E-mail: info@apa.tj; Сомонаи расмии муассиса: https://apa.tj/